**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 154/2c

аз «23» 11 соли 2022

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ" ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикршуда ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (таҳиякунанда) риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа ухдадориҳо барои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба интиқоли потрфели суғуртавӣ вуҷуд дорад.

3. Маҳдудиятҳо вобаста ба ташкилотҳои болозикр оид ба доштани иҷозатнома, фаъолият дар бозори суғурта, устувории вазъи молиявӣ ва пардохтпазирии он пешбинӣ гардидаанд.

4. Дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Точикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад.

5. Роҳи интихобшуда барои ҳалли мушкилот асоснок буда, лоиҳаи мазкур ҳимояи ҳуқуқи манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон, инчунин барои нигоҳ доштани низоми устувории суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.